Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-29-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Муллоботур Муллобаҳодур дар мавзуи “Ифротгароии динӣ: шаклҳо ва сабабҳои пайдоиши он дар ҷомеаи тоҷикистонӣ (таҳлили фалсафӣ – иҷтимоӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси: 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ)**

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди тамаддунҳо пайдоиш ва инкишофи ҳизбу ҳаракатҳои террористию ифротӣ яке аз воситаҳои асосии монеи рушди бо устувори ҷомеа ба ҳисоб меравад. Махсусан ифротгароӣ, ки ҳадди ниҳоии таассуб аст, аз ҷумлаи чунин ҳаракатҳои номатлуби монеъшаванда ба рушди устувори ҷомеа ба шумор меравад. Дар баробари ин ифротгароии динӣ яке аз шаклҳои ифротгароӣ аст, ки дар асоси ғояҳо ва таълимотҳо, арзишҳо ва меъёрҳои сунъисохташуда пайдо гардида, бо шиорҳои ба ном “динӣ” зуҳур менамояд. Ба ақидаи диссертант, ифротгароии динӣ ҳамчун пайравӣ ба ақида ва амалҳои ниҳоӣ дар кӯшиши тағйирдиҳии ҷаҳони беруна мувофиқи ақида ва арзишҳои муайяни динӣ тасниф карда мешавад. Муҳаққиқ дар авторефрерати диссертатсия зикр намудааст, ки ифротгароии динӣ барои фарҳанг, урфу одат, ойинҳои миллию суннатӣ ва арзишҳои миллӣ хатари воқеӣ ба шумор меравад. Воқеияти фазои маънавию психологии кишварҳои мухталиф, аз ҷумла кишварҳои рушдкунанда нишон медиҳад, ки дар шароити имрӯза, аз як тараф онҳо, объекти ғасби идеологии кишварҳои бузурги ҷаҳонӣ гардида, аз тарафи дигар, ба доираи васеи ифротгароӣ дохил шудаанд. Дар чунин шакл паҳн гардидани ифротгароии динӣ дар кишварҳои тозаистиқлол, пеш аз ҳама, бо омилҳои ифротии берунӣ алоқаманд аст. Заминаҳои асосии чунин нерӯҳои ҷамъиятӣ - иҷтимоӣ ва ифротӣ, албатта, аз «ҷаҳони ислом» сарчашма мегиранд, ки дар доираи равандҳои ҷаҳонишавӣ паҳншавии онҳо душвориеро ба миён меорад. Ҳамзамон, ба фазои маҷозӣ ворид гардидани тарғиботу ташвиқоти гурӯҳҳои ифротгароии динӣ, дар баробари ин ворид гардидани қишри зиёди ҷомеаи башарӣ ба фазои маҷозӣ хатари ифротгароии диниро дучанд менамояд. Маҳз барои коҳиш

додани рушду инкишоф ва аз миён бурдани ифротгароии динӣ таҳқиқи илмии он заминаи мусоид фароҳам меорад. Вобаста ба он дар таҳқиқоти диссертатсионии Муллоботур Муллобаҳор, ки **“Ифротгароии динӣ: шаклҳо ва сабабҳои пайдоиши он дар ҷомеаи тоҷикистонӣ (таҳлили фалсафӣ – иҷтимоӣ)”** унвон дорад, роҳҳо ва воситаҳои асосии мухолифат бо гурӯҳҳои ифротгароии динӣ ба таври возеҳ шарҳ дода шудааст.

**Ҳадафи асосии таҳқиқоти мазкурро** омӯзиши сабабҳо ва заминаҳои пайдоиши ифротгароии динӣ ҳамчун шакли махсуси ҳаракати ифротӣ дар **ҷомеаи** тоҷикистонӣ ва нишон додани роҳу воситаҳои пешгирии он ташкил медиҳад. Қайд намудан ба маврид аст, ки мавзуи мазкур, ки аз ҷониби диссертант мавриди омӯзиши амиқ қарор дода шудааст, барои амният ва ҷомеаи кунии Тоҷикистон ҳаётан муҳим арзёбӣ мегардад.

Муҳаққиқ ҳангоми баррасӣ ва омӯзиши ифротгароӣ, махсусан ифротгароии динӣ аз сарчашмаҳои фаровони илмӣ, ки аз ҷониби олимони дохилу хориҷи кишвар таҳқиқ шудаанд, истифода намудааст. Аз матни авторефрерати диссертатсия маълум мегардад, ки муҳаққиқ бештар ба осор ва таълифоти олимони хориҷӣ аз қабили Ж. Кёпел, Х. Декмеджян, Э. Сивана, Ҷ. Корбин, К. Макколи, М. Юргенсмейер, Ҷ. Хорган, А. Мерари такя намудааст. Диссертант дар баробари истифода аз сарчашмаҳои илмии олимони хориҷ, инчунин аз осору таълифоти олимони рус аз қабили В.Е. Петришев, К.В. Жаринов, С.А. Лантсов, Н.В. Жданов, Л.И. Медведко, С.В. Дяков, Ю.И. Авдеев, С.М. Ермаков, Н.Б. Лебедева, А.И. Гушер, К.Н. Бурханов ва аз таълифоти олимони ватанӣ аз қабили Қ. Нурулҳақов, Ф. Баротзода, Н.Д. Маҳмадизода, Г.Н. Зокиров, И. Асадуллаев, Д. Назиров, Г.Д. Мирзоев, С. Олимова, М. Олимов, С. Шарипов, А. Раҳнамо, И. Усмонов, Х. Холиқназар, Ҷ.З. ба таври васеъ истифода намудааст.

Сохтори диссертатсия аз муқаддима, ду боб бо фарогирии шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Боби якуми диссертатсия **“Асосҳои назариявӣ-методологии омӯзиши ифротгароии динӣ дар низоми донишҳои муосир”** аз се зербоб иборат буда, ба омӯзиши мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои асосии ифротгароии динӣ, омилҳо, сарчашмаҳо ва шаклҳои зуҳуроти ифротгароии динӣ дар шароити муосири инкишофи ҷамъиятӣ, асосҳо ва заминаҳои арзишиву меъёрии ташаккули ифротгароии динӣ бахшида шудааст.

Боби дуюми диссертатсия – «**Мубориза бар зидди ифротгароии динӣ ва пешомади он дар шароити ҷомеаи тоҷикистонӣ»** – аз се зербоб иборат буда, ба омӯзиши оқибатҳои манфии ифротгароии динӣ ва самтҳои

асосии мубориза бо ин зуҳуроти манфӣ дар ҷомеаи тоҷикистонӣ бахшида шудааст.

Маводи нашрии диссертант вобаста ба мавзуи таҳқиқот 9 мақола, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 мақола дар маҷмуаи конференсияи байналмилалӣ ва 4 мақола дар маҷмуаи конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат мекунад.

Хулоса ва тавсияҳое, ки аз ҷониби муаллиф пешниҳод гаштаанд моҳияти бунёдӣ ва илмӣ дошта, истифодаи онҳо дар амалия аз манфиат холӣ нест.

Дар баробари он, ки автореферати диссертатсияи Муллоботур М. дорои дастовардҳои хуби илмист, ҳамзамон, он аз камбуд ва нуқсонҳои техникӣ орӣ набуда, чунин камбуд ва нуқсонҳо дар баъзе аз ҷойҳои матни автореферати диссертатсия ба чашм мерасанд, киислоҳи онҳо дар мукаммал гардидани мазмуни матни автореферат мусоидат менамояд. Аз ҷумла:

1. Хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ;
2. Дар матни автореферати диссертатсия фаровон истифода набурдан аз сарчашмаҳо ва таълифоти олимони ватанӣ;

Бо вуҷуди мавҷуд будани чунин нуқсонҳо онҳо наметавонанд арзиши илмии таҳқиқоти мазкурро коста намоянд.

Автореферати диссертатсияи Муллоботур Муллобаҳодур ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори соҳиб гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси: 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ мебошад.

**Муқарриз:**

Номзади илмҳои фалсафа, дотсент,
мудири кафедраи фанҳои ҷомеашиносии
Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон — Гулов А. А.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ХАТЛОН
ТАСДИҚ МЕКУНАМ
ИМЗО
« 20 » 02 с. 2024

Имзои Гулов А.А.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳои ДДТХ — Асоев С.П.

Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, в. Хатлон,
н. Данғара, к. И. Шариф -3 Тел.: (83312) 21034
+992 918-64-44-15